

27 январи соли равон дар Дастгохи Марказии Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон Сардори Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон Абдуфатохи Гоиб бо Сафири Чумхурии Украина дар Чумхурии Точикистон Никитюк Виктор Олегович  мулокот доир намуд.

Дар вохӯрӣ оид ба рушди муносибатхои тичоратӣ ва хамкорихои гумрукӣ мавриди баррасӣ карор гирифта, таваччухи асосӣ ба дарёфти роху василахои татбики лоихахои муштарак оид ба интиколи молу махсулот зохир карда шуд.



Зимни нишасти дӯстона Абдуфатохи Гоиб ва Никитюк Виктор Олегович  зикр намуданд, ки барои амалӣ гардидани лоихахои хамкорихои дучониба  чорахои амалӣ хоханд андешид.

Муовини якуми Сардори Хадамоти гумрук Хуршед Каримзода, ёрдамчии Сафири Чумхурии Украина дар Чумхурии Точикистон Украинец Вячеслав Николаевич, намояндаи Вазорати корхои хоричии Чумхурии Точикистон М.Хайриддиновна дар мулокот ширкат варзида, дар баррасии масоили мазкур ибрози назар намуданд.